**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи «Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз руйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг.**

**Душанбе, 2024**

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар асоси маъзазҳо, маводи бойгонии ҷории осорхонаҳо ва адабиёти илмӣ омода гардида, мубрамияти мавзуъ аз он иборат мебошад, ки оид ба фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон то имрӯз таҳқиқоти махсуси соҳавӣ анҷом дода нашудааст ва диссертатсияи мазкур дар ин самт аввалин пажуҳише мебошад, ки дар он муаллиф масъалаи мазкурро баррасӣ намудааст. Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиши ҳамаҷонибаи фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва рушду такомулёбии минбаъдаи онро дар бар мегирад.

**Объекти таҳқиқи** кори диссертатсиониро фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Дар рафти таҳқиқи мавзуъ аз усулҳои умумиилмии мушоҳида, шарҳдиҳӣ, таърихӣ - муқоисавӣ, омӯзиши сотсиологӣ ва усули оморӣ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Дар навиштани диссертатсия аз санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, маводҳои бойгонӣ ва дастурҳои илмӣ-методӣ васеъ истифода шуда, онҳо аз ҷониби муаллиф дуруст гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

**Навгониҳои илмии** кор аз он иборат аст, ки бори аввал дар шакли мукаммал масъалаҳои фаъолияти экспозитситсионӣ дар осорхонаҳо ва ташкили намоишҳои осорхонавӣ мавриди таҳлилу пажуҳиш қарор гирифтааст.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаи таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар **муқаддима** роҷеъ ба мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи (предмет) таҳқиқ, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, сарчашмаи асосии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Боби якуми рисола **«Экспозитсия ва аҳамияти он дар фаъолияти осорхонаҳо»** унвон дошта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои асосии ташкили роҳҳои дурусти экспозитсияи

осорхонавӣ, ороиши бадеӣ, истифодаи технологияи муосир, танзими реҷаи ҳарорат, рутубат ва рушноӣ дар фаъолияти экспозитсионии осорхонавӣ мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Муаррифии таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ»** номгузорӣ шудааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар он экспозитсияи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ташкили намоиши осорхонавӣ ва намудҳои он, намоишҳои сайёр, байналмилалӣ ва маҷозии осорхона таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар ин боби рисола роҷеъ ба инъикоси таърихи фарҳанги халқи тоҷик тавассути экспозитсия ва намоишҳои осорхонавӣ маълумоти илмӣ додааст.

Дар хулосаи автореферат фикри ҷамъбастӣ ва пешниҳодоти диссертант оид ба мавзуъ оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи номзадии Ҷалолов Беҳрӯз Фарҳодович дар мавзуи **«Фаъолияти экспозитсионӣ – намоишии Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муаррифии таъриху фарҳанги халқи тоҷик солҳои (1991-2021)»** таҳқиқоти анҷомёфта буда, он ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарҳангшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 24.00.01 – Назария ва таърихи фарҳанг сазовор аст.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои таърих,
мудири кафедраи санъатшиносии
Донишкадаи давлатии санъати
тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Саидова Бибираҷаб Ҳайдаровна

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Асадулло Ғуломов, бинои 62, хуҷраи 16.
Тел: (+992) 888-80-16-41
E-mail: said888801641@mail.ru

Имзои дотсент Саидова Б. Ҳ .-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи давлатии санъати
тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон Сайдалиев О.И.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишони муассиса:**
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 31.
Тел: (+992 37) 221 72 43; 221 72 37
E-mail: design_2013@list.ru
“15” майи соли 2024